Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (ш. Душанбе, 2025. – 43 саҳ.).**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти ҷиддии иҷтимоиву сиёсии дохилӣ рӯ ба рӯ шуд. Аз ҷумла, ҷанги шаҳрвандӣ боиси муҳоҷирати маҷбурии даҳҳо ҳазор шаҳрвандон гардид. Ин ҳолат зарурати танзими ҳуқуқии мақоми гурезаҳоро ба миён овард.

Бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, Тоҷикистон Конвенсияи соли 1951 оид ба мақоми гурезаҳо ва Протоколи соли 1967-ро тасвиб намуд ва заминаи қонунгузории миллӣ дар ин самт гузошта шуд. Бо вуҷуди ин, дар замони муосир, авзои сиёсии минтақа, бахусус ноамнӣ дар Афғонистон, боиси ворид шудани гурӯҳҳои нави гурезаҳо ба Тоҷикистон гардидааст.

Имрӯз ҳам, тибқи оморҳои расмӣ, ҳазорҳо гуреза ва шахсони паноҳҷӯ дар ҳудуди кишвар иқомат доранд, ки ҳифзи ҳуқуқ ва шароити иҷтимоии онҳо яке аз вазифаҳои асосии давлат маҳсуб мешавад. Бо вуҷуди мавҷудияти қонун, мушкилоти татбиқи он, ихтилофоти меъёрӣ ва набудани ҳамоҳангсозии байни мақомоти дахлдор ҳанӯз ҷой доранд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи илмии масоили конститутсионӣ-ҳуқуқии мақоми гурезаҳо, таҳлили муфассали қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, муайян

кардани камбудиҳо ва пешниҳоди роҳҳои такмилёбии онҳо аҳамияти фавқулода дорад. Ҳамин омилҳо шаҳодат медиҳанд, ки мавзӯи мазкур мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Иҷрои вазифаҳои таҳқиқот имкон медиҳад масъалаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои гурезаҳо аз дидгоҳи ҳуқуқи конститутсионӣ ва байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор гирад. Дар натиҷа, сохтори мақомоти дахлдор, механизмҳои амалии ҳимоя ва тартиби додани мақоми гуреза муайян гардида, роҳҳои беҳтарсозии он пешниҳод мешаванд.

Дар пажӯҳиш маҷмӯи васеи усулҳои илмӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла диалектикӣ, таҳлили низомнок, таърихӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд. Ин равиши ҳамгиро имкон медиҳад, ки масъалаи мавриди таҳқиқ аз дидгоҳҳои гуногун ва бо таҳлили ҳамаҷониба баррасӣ гардад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки рисолаи мазкур яке аз аввалин корҳои мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба таҳлили масъалаи мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо бахшида шудааст. Дар доираи таҳқиқот:

1. Мафҳум ва мундариҷаи мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ барои аввалин бор мавриди таҳлили низомнок қарор дода шудааст;
2. Омилҳои таъсиргузор ба вазъи ҳуқуқии гурезаҳо аз дидгоҳи ҳуқуқи конститутсионӣ муайян ва гурӯҳбандӣ шудаанд;
3. Пешниҳодҳои нав оид ба такмили қонунгузории миллӣ, бахусус дар соҳаи танзими ҳуқуқии мақоми гурезаҳо, пешниҳод гардидаанд, ки метавонанд дар амалиёти ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати давлатӣ мавриди истифода қарор гиранд;
4. Дар таҳқиқот масоили мутобиқсозии меъёрҳои байналмилалӣ бо қонунгузории миллӣ дар мавриди ҳимояи ҳуқуқҳои гурезаҳо аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок шудаанд.

Ҳамин тавр, навгонии илмии кор дар таҳлили муфассали масъалаи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо, таҳия ва асосноккунии тавсияҳои амалӣ ва назариявӣ барои беҳтар намудани сиёсати ҳуқуқии давлат нисбат ба ин гурӯҳи иҷтимоӣ ифода меёбад.

Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, баъзе пешниҳодҳои назариявӣ бо ибораҳои хеле мураккаб ва дароз баён шудаанд, ки фаҳмидани он барои хонандагони ғайриҳуқуқшинос душвор аст. Масалан, дар бандҳои аввал мафҳуми "гуреза" бо як ҷумлаи хеле тӯлонӣ шарҳ дода шудааст. Ин метавонад ба гумраҳшавии хонанда ва талафоти самаранокии мафҳумҳо оварда расонад.

Пешниҳодҳои ҷиҳати қабул ва танзими низомномаҳои нав (масалан, «Низомномаи тартиби додани паноҳгоҳи сиёсӣ» ва Низомномаи будубоши гурезаҳо) бояд бо тавсияҳои амалӣ ва механизмҳои мониторинг ва маблағгузорӣ ҳамроҳ бошанд. Бо набудани чунин механизми амалӣ, такмили қонунгузорӣ танҳо номбар кардани меъёрҳо боқӣ мемонад.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона таҳия шуда, масъалаи муҳимми ҳуқуқи конститутсиониро ба таври амиқу дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти назариявӣ ва такмили амалии қонунгузории конститутсионӣ ва мурофиаи судии конститутсионӣ дар самти вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дошта бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Такриздиҳанда:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ноҳияи Рашт Раҷабзода М.Н.
**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ
кӯчаи 50 солаги Тоҷикистон хонаи 35/55.
**Мобилӣ:** (+992) 902-88-70-44

**Имзои Раҷабзода М.Н.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори Раёсати кадрҳои ва корҳои
махсуси Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.

Суроға: 735450, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Ғарм, куч. Э. Муҳиддинов, 63
Тел. (+992 83131) 2-11-03
Факс.: (+992 83131) 2-31-03
E-mail: rajabov.m.1973@mail.ru

«17» ноябри 2025 сол